«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳушвахтзода Қ.Х.

_____

«18» _____ соли 2022

ХУЛОСАИ

ҷаласаи муштараки кафедраҳои назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи конституцсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

оид ба мубрамият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи “Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи “Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак” дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси суратмаҷлиси № 3/1 аз 25-уми октябри соли 2022, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Абдулхайрзода Ҷамила соли 2015 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Абдулхайрзода Ҷамила аз соли 2016 то соли 2020 бо фармоиши Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти №69-05 ҳамчун аспиранти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил

намудааст. Аз ҳамон сол то инчониб дар суди шаҳри Душанбе кору фаъолият дорад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 8-уми апрели соли 2022, таҳти №39 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тағйироти куллӣ ба амал омад ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди ислоҳоти ҳуқуқӣ қарор гирифта, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде доир ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак кабул гардиданд. Дар воқеъ, таъмини ҳуқуқи кӯдак дар амал яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеа маҳсуб мешавад. Далели ин гуфтаҳо он аст, ки кӯдакон дар ҷомеаҳои мухталиф ба гурӯҳу категорияҳои алоҳидаи махсус ворид карда шудаанд.

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ пайваста қайд менамоянд, ки таълим ва тарбияи кӯдакон яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, таҳкими масъалаҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак ва паҳлуҳои дигари он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз пеш мубрам мебошад.

Кӯдакон имрӯз қариб дар тамоми давлатҳои ҷаҳон аз лиҳози таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ дорои мақоми афзалиятнок мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин миён истисно нест, зеро ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон ва шахсони ноболиғ яке аз самтҳои авлавиятноки сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Кӯдакон дар қатори маъюбон, пиронсолон, занони ҳомила ва афроди дорои мушкилоти равонӣ, бештар аз дигарон мавриди барҳӯрди хушунатомез дар ҷомеа қарор мегиранд ва ба ин далел ба ҳимоя ва ғамхории махсус эҳтиёҷ доранд. Бинобар доштани хусусиятҳои синну

солии махсус, кӯдакон наметавонанд мустақилона ба таври лозим ба монанди шахсони калонсол ҳуқуқу манфиатҳои худро ҳимоя намоянд. Ба ҳамин хотир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакон воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ таъсис ва роҳандозӣ шудаанд.

Ҳадафи таъмин ва дастрасӣ ба як зиндагии муносиб барои кӯдакон дар ҳоли ҳозир ва оянда ҳанӯз ҳосил нашудааст ва дар ин миён пешрафтҳои умумии бадастомада на ҳамеша ҷавобгӯи талаботи ухдадориҳои миллӣ ва байналмилалии кишварҳо мебошад. Ин матлаб дар мавриди вазъи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ новобаста аз он ки Ҳукумати кишвар пайваста барои таъмини дахлдори ҳуқуқи кӯдак чораҳои зарурӣ андешида истодааст, дахл дорад. Зеро масъалаи мавзуи ҳуқуқи кӯдак минбаъд низ аз мавзуъҳои мубрам ва рӯзмарра боқӣ мемонад ва ба ин далел лозим аст то фаъолиятҳои марбут дар ин замина идома ёбанд. Дар заминаи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷтимоисозии ҳуқуқии кӯдакро бояд аз рӯйи принсипҳои ҳуқуқи инсон минбаъд низ амалӣ гардонад.

Ба назари мо, дар шароити муосир чанд роҳ ва самти боло бурдани самаранокӣ ва таҳвиятбахшии раванди ҳифзи ҳуқуқи кӯдак вуҷуд дорад. Роҳу самтҳои мазкурро метавон ба сифати маҷмуи чорабиниҳо бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои зерин, аз ҷумла таҳвияти асосҳои назариявии вазъи ҳуқуқи кӯдак, ҳалли баъзе аз мушкилоти вобаста ба таъмини ҳолати ҳуқуқии кӯдак, татбиқи ҳуқуқи вай дар таҷриба, инчунин, эҷоди механизмҳои нисбатан муассири таъмини манфиатҳои кӯдак муаррифӣ намуд.

Бо назардошти ҷанбаҳои мусбати инкишофи минбаъдаи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва муҳим будани ин иқдом, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми январи соли 2015 пешниҳод намуданд, ки

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

Ин иқдоми нек нишондиҳандаи таваҷҷуҳ ва ғамхории махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба таъмин ва тақвияти ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бинобар ин, мавзуи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак яке аз авлавиятҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон шинохта шудааст, зеро давлат бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакони ятим, маъюб ва бесаробон бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пайваста таваҷҷуҳ ва ғамхории махсус зоҳир менамояд, ки аз мубрам будани мавзуи таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад.

Тавре таҷрибаи судӣ ва омори баррасии парвандаҳои оилавӣ нишон медиҳад, миқдори зиёди баҳсҳои судиро вобаста ба парвандаҳои оилавӣ дар амал даъвоҳои шаҳрвандон оид ба бекор кардани ақди никоҳ ташкил медиҳанд. Барои мисол, тибқи омори мавҷуда, дар саросари Тоҷикистон ба таври расмӣ дар маҷмуъ, соли 2018 – 9727 нафар, соли 2019 – 9676 нафар, соли 2020 – 9175 нафар ва соли 2021 – 12302 нафар шаҳрвандон ақди никоҳашон бекор карда шудааст, ки аз ҷумла дар миёни ин оилаҳо кӯдакон ҳам тарбия мешуданд. Бо чунин вазъ такмили танзими ҳуқуқии масъалаҳои зиёде доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ҳангоми ҳалли баҳсҳои судӣ, ки бевосита ба сарнавишти минбаъдаи кӯдакон дахл доранд, зарур мебошад.

Масъулияти пурраи таъмини ҳифзу ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандон ба уҳдаи давлат мебошад. Стратегияи миллӣ, нақшаҳо ва тасмимҳои дурусти сиёсӣ дар роҳи даст ёфтан ба ин мақсад нақши ҳалкунандаро мебозанд, зеро ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи кӯдак бо мубрамияти худ дар стратегия, барнома ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ бояд инъикос ёбанд.

Ҳамин тариқ, интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ – Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак ба омӯзиши ҳамаҷонибаи проблемаҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқи кӯдак

ва ҳифзи онҳо дар илми ҳуқуқшиносии муосир, таҳлили қонунгузории ватанӣ, муайян кардани нақши унсурҳои таркибии механизми ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ҳамчун воситаи мустаҳкам намудани вазъи ҳуқуқӣ ва тавсияҳои амалӣ барои баланд бардоштани шароити нави ичтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, самаранокии таъмини ҳуқуқи кӯдак ҳамчун асоси насли оянда мусоидат менамояд. Бинобар ин, омӯзиши инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак бисёр муҳим ва мубрам мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ дар мавзуи "Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак" ба ҳисоб меравад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд, ки онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

– дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ даврахои ташаккули ҳуқуқи кӯдак дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик муайян карда шудааст;

– мафҳум ва вазъи ҳуқуқи кӯдак манзур гардида, истифодаи истилоҳи «ҳуқуқи кӯдак» ва «вазъи ҳуқуқи кӯдак» дар адабиёти ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ба мақсад мувофиқ дониста шудааст;

– нақш ва мавқеи ҳуқуқи кӯдак дар низоми ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст;

– асосҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, вазъи кунунӣ ва дурнамои амалисозии ҳуқуқи кӯдак муайян карда шудааст;

– асосҳои конституцсионии ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва мавриди пажуҳиши амиқ қарор дода шуда, мушкилоти қонунгузорӣ ва амалия дар самти татбиқи ҳуқуқи мазкур ошкор гардида, роҳи ҳалли онҳо аз нигоҳи ҳуқуқӣ нишон дода шудаанд;

– таносуби ҳуқуқҳои кӯдак дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муайян гардидааст;

– роҳҳо ва тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак таҳлил гардида, пешниҳодҳои судманд ҷиҳати таҳвияти механизмҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда шудаанд.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили ҳамаҷонибаи назарияви-амалии падидаи ҳуқуқи кӯдак, мутобиқ намудани меъёрҳо оид ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ, самаранокии механизми ҳимояи онҳо, инчунин, таҳияи пешниҳодҳои назарияви ва амалӣ баҳри амалисозии кафолатҳои иҷтимоии кӯдакон мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ноил шудан ба мақсади зикршуда, унвонҷӯ иҷрои **вазифаҳои** зеринро зарур шуморидааст:

– ошкор намудани мафҳум ва вазъи ҳуқуқии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– баррасии ҳуқуқи кӯдак дар низоми ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили асосҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак;

– муайян намудани асосҳои конституцсионии ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– баррасии таносуби ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ;

– пажӯҳиши механизмҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии дар диссертатсия матраҳгардида бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти муаллиф мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, таҳлили онҳо дар қисми хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ҷой дода шудаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии зерин дар шакли маърӯза аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд:

– конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи “Нақши санадҳои байналмилалӣ дар таҳкими ҳуқуқи инсон” – маърӯза дар мавзуи “Нақши Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар таҳкими ҳуқуқи кӯдак” (Душанбе, 2017);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028 ”, “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, “140 – солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ” ва “70 – солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон” – маърӯза дар мавзуи “Мафҳум ва вазъи ҳуқуқии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе, 2018);

– конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо” – маърӯза дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқи кӯдак дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ” (Душанбе, 2018);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)” ва “400 – солагии Миробид Сайидои Насафӣ” – маърӯза дар мавзуи “Механизмҳои байналмилаии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак” (Душанбе, 2019);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба “Солҳои рушди саноат (солҳои 2022-2026)” ва “Бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ” – маърӯза дар мавзуи “Мавқеи ҳуқуқи кӯдак дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон” (Душанбе, 2022);

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон борҳо мавриди муҳокимаи илмӣ карор гирифта, омода гардидааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳои ироашуда дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро бозгӯ менамояд. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърӯзаҳои ироашуда дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак баён гардидааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи “Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

Қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи "Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак", таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи "Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак", ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ; ҳуқуқи конституцсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «Тарафдор – 17 нафар», «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки кафедраҳои назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ; ҳуқуқи конституцсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 02-юми декабри соли 2022, таҳти №292/1) аз 17-уми декабри соли 2022.

Раиси маҷлиси муштарак:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент Қурбонализода Н.Ш.

Котиби маҷлиси муштарак:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Наимов Б.Ғ.

Муқарризи №1:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи “Ташкили идоракунии фаъолияти
мақомоти ҳифзи ҳуқуқ”-и факултети №-1
академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Назарзода Н.Ҷ.

Муқарризи №2:
дотсенти кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Шодиён И.Р.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**
«17» декабри **2022 с.**

Имзои Назарзода Н.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам
Сардори ШК Академияи ВКД
Назарзодаев Б.З